

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№13 (4909)

ЧОРШАНБЕ, 29 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


**Маҷлиси миллӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ қонунҳои қабулкардаи Маҷлиси намояндагонро баррасӣ ва ҷонибдорӣ карда, дар роҳи рушди низоми ҳуқуқии кишвар ва таҳкими қонуният саҳми назаррас мегузорад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**





## ШАФФОФИЯТ ВА ИШТИРОК

### ё асрори муваффақият ва низоми босамари қонунгузорӣ дар давраи нави рушди Тоҷикистон

**Иҷлосияи нахустини Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 17 апрели соли 2020 бо иштирок ва суханронии пурмуҳтавои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардид.**

Зимни суханронӣ Пешвои миллат нахуст аъзо ва роҳбарияти нави Маҷлиси миллиро шодбош гуфта, дар назди онҳо вобаста ба таъмини рушди минбаъдаи мақомоти қонунгузору намояндагӣ, таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлату ҷомеа ва руши парламентаризм дар кишвар вазифаҳои мушаххас гузоштанд. Пешвои миллат аз ҷумла, таъкид намуданд, ки «аъзои Маҷлиси миллӣ бояд бо истифода аз ваколати конститутсионии худ ҳамчун субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ ба таҳияи қонунҳо диққати махсус зоҳир намоянд. Онҳо бояд қонунҳоеро таҳия ва пешниҳод намоянд, ки ба таҳкими истиқлолият, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва густариши муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла пешрафти соҳибкорӣ, беҳдошти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, истифодаи самараноку сарфакоронаи замин ва дигар боигариҳои табиӣ, таъмини волоияти қонун, пешгирии ҷиноятқорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шуда бошанд».

(Давомаш дар саҳ. 2)

## Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум



## ТАСДИҚИ АҲДНОМАИ ҲАМПАЙМОНИИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН

**Бисту нуҳуми январи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 нафар вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматулло Насреддин, муовини директори Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Ҷамолзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 6 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Чиллазода Қарахон»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон»**

(Давомаш дар саҳ. 3)

**Бисту нуҳуми январи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагон баргузор гардид.**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

Дар он масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**



## АЗ КУМИТАИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

**25-уми январи соли 2025 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология баргузор гардид.**

Аъзои кумита қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти органикӣ» ва «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ба Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

## СОҲИБКОРӢ

### аз миннатдорӣ то имтиёзҳои нав

**Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 28-уми декабри соли 2024 дар бинои нави мақоми олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олӣ ироа гардид, масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти кишвар таҳлилу баррасӣ шуданд.**

Аз ҷумла, дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ яке аз масъалаҳои муҳими Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Пешвои миллат ироз доштанд, ки «... дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ, 480 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорҳо иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд. Дар ҳамаи ин корҳои хайри ободонӣ саҳми соҳибкорон ва сокинони мамлакат бисёр бузург мебошад».

Дар ҳақиқат, соҳибкорон ва сокинони баору номуси Ватан дар корҳои ободонию созандагӣ ва пешрафту тараққиёти Ватани маҳбубамон саҳми арзанда мегузоранд. Бинобар ин, Роҳбари давлат дар Паём ба соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва кулли мардуми Тоҷикистон барои дастгирии ташаббусҳои Ҳукумати кишвар ва саҳмгузорӣ дар ободию пешрафти мамлакат сипосу миннатдории самимӣ баён намуданд.

Ҳамзамон, Президенти мамлакат бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ лозим донистанд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо боз ҳам маҳдуд карда шавад. Дар робита ба ин, Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истисноӣ санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум



мораторий эълон карда шавад. Бо мақсади амалӣ намудани иқдоми мазкур Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» аз 10-уми январи соли 2025 ба имзо расид. Дар ин асос ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истисноӣ санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027 мораторий эълон гардида, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шуд, ки барои иҷрои фармони зикргардида дар муҳлати як моҳ санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро манзур созад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» (аз 8-уми июни соли 2022) мафҳуми мораторий ба санҷишҳо бо мазмуни зерин маънидод шудааст: «Мораторий ба санҷишҳо – муваққатан боздоштани қисми муайяни ваколатҳои дар асоси Қонуни мазкур ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи мақомоти ваколатдори давлатии санҷишӣ вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ».

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, таҳкими иқтидори саноатӣ ва содиротии ҷумҳурӣ, аз байн бурдани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорию сармоягузорӣ бо ташаббус ва иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давоми солҳои 2008-2022 (солҳои 2008, 2011, 2018, 2022) дар кишвар 4 маротиба ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мораторий эълон шуда буд. Мораторияҳои эълонгардида ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва бахши истеҳсолӣ таъсири мусбат расонида, барои фароҳам овардани фазои мусоид ҷиҳати ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ, воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ, барои беҳбудии некуаҳволӣ мусоидат карданд.

Сарвари давлат дар Паём, ҳамчунин, оид ба ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ махсус таъкид намуда, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамотҳои алоқа, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳоро муваззаф намуданд, ки фароҳамсозии асосҳои ҳуқуқию ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд.

Бо ин тартиб, Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат ҷиҳати ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон ва дар маҷмуъ, рушди соҳибкорӣ дар кишвар имкониятҳои наву муҳимро фароҳам намудааст.

**Дилшод АЛИЗОДА, мудири бахши қабули шаҳрвандони Дастгоҳи МН МО ҶТ**





(Идома аз саҳ. 1)

Илова бар ин, Пешвои миллат ба аъзои Маҷлиси миллӣ доир ба ҳамкориҳои густурда бо дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва мутахассисону коршиносон дастур дода таъкид намуданд, ки тавассути чунин ҳамкориҳо қонунҳо баррасӣ, таҳия ва қабул гардида, ба ҷомеа ва давлат манфиати бештар меоранд.

Ҳамзамон, таъкид намуданд, ки «қонунҳо, ҳамчунин, бояд бо дарназардошти стратегияву барномаҳо ва ҳадафҳои ояндаи рушди давлати миллӣ, пайванди ногусастании он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳкими заминаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия карда шаванд».

Бо ҳамин дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум фаъолиятро шурӯъ намуд, ки аз он замон 5 сол сипарӣ мешавад ва тамоми ин давра аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии оқилона ва хирадмандонаи Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сафарбар намудани неруи зеҳнӣ ва донишу таҷрибаи худ дар рушди низоми қонунгузорӣ, боз ҳам беҳтар намудани сифати қонунҳо, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии давлат ва ҷомеа фаъолияти густурда ва пурсамар доштанд.

Аз нахустин рӯзи фаъолият Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид менамуданд, ки аъзои Маҷлиси миллӣ бояд қонунҳоеро таҳия ва пешниҳод намоянд, ки онҳо ба рушди истиқлолият, рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва густариши муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла пешрафти соҳибкорӣ, беҳдошти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, истифодаи самараноку сарфакоронаи замин ва дигар боигариҳои табиӣ, таъмини волоияти қонун, пешгирии ҷиноятҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шуда бошанд. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ пайваста бо дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ ҳамкории мутақобилан судмандро ба роҳ монданд ва натиҷа он шуд, ки дар ин муддат қонунҳо санҷидаву таҳия ва қабул гардиданд, ки онҳо ба рушди тамоми самтҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар мусоидат менамуданд.

Қонунҳои дар ин давра аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ бо роҳбарии Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷонибдоригардида, ки бо назардошти стратегияю барномаҳо ва ҳадафҳои ояндаи рушди давлати миллӣ, пайванди ногусастании он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳкими заминаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия гардиданд, имрӯз ҳамчун намуна аз ҷониби кишварҳои алоҳида, ниҳодҳои байналмилалӣ ва марказҳои коршиносӣ мавриди омӯзиш қарор доранд.

Таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ палатаи болоии парлумони кишвар - Маҷлиси миллӣ ба марҳалаи наву муҳими ислоҳоти қонунгузорӣ ворид гардид, зеро Раиси ҷавону дурандеши Маҷлиси миллӣ ҷиҳати рушд ва такмили низоми қонунгузории муосир ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ тадбирҳои муассир андешиданд. Иқдоми созандаашон дар баробари тақвияти низоми қонунгузорӣ, ба таъмини шаффофияти ва ҷалби мақомоти дахлдор дар раванди қонунсозӣ низ равона шуданд.



# ШАФФОФИЯТ ВА ИШТИРОК

## ё асрори муваффақият ва низоми босамари қонунгузорӣ дар давраи нави рушди Тоҷикистон

**Фалсафаи роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ метавонад ба ду мафҳуми калидӣ тавсиф шавад: шаффофият ва иштирок, зеро андешаашон бар он аст, ки ҳар як мақомоти дахлдори давлатӣ бояд имконияти баёни ақида ва иштирок дар равандҳои қонунгузориро дошта бошад, ки ин дидгоҳ ба тақвияти иштирок ва афзоиши эътимод ба мақомот кумаки зиёд карда истодааст. Фаъолияти роҳбариашон дар ин давра собит намуд, ки муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо дарки амиқ ба масъалаҳои милливу байналмилалӣ пайваста мавқеи олии роҳбариро нишон медиҳанд ва дар пешбурди ислоҳоти ҳамаҷониба пешсафанд.**

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар рушди парламентаризм дар Тоҷикистон нақши муҳим доранд, бо интихоб шуданашон ба раёсати Маҷлиси миллӣ дар таҳкими низоми парламентӣ ва ислоҳоти қонунгузорӣ дар кишвар саҳми назаррас гузоштанд. Бо ташаббуси худ дар роҳи таҳияи қонунҳои муҳиме, ки ба ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд, фаъол мебошанд. Қонунҳое, ки бевосита бо ташаббуси ӯ таҳия ва қабул гардиданд, шароитро барои шаффофияти бештар дар идораи давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва беҳбуди муҳити сармоягузорӣ фароҳам меоранд. Дар ин замина, кӯшиш карданд, то фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат кунанд, ки ин ба беҳбуди амалии парламент, тақвияти назорат ва афзоиши шаффофияти ҷаласаҳо мусоидат намуданд.

Дар партави сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳти роҳбарӣ ва дастгириҳои бевоситаи муҳтарам Рустами Эмомалӣ Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли панҷ соли фаъолият пурмаҳсул кор карда, дар ҷодаи таҳкими пояҳои ҳуқуқии кишвар, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқии рушду инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ ва некуаҳволии мардум ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.



Дар фаъолияти панҷсолаи пурмаҳсули палатаи болоии парламенти кишвар барои аъзои Маҷлиси миллӣ даъвати шашум Нақшаи амали Маҷлиси миллӣ барои солҳои 2020-2025, ки бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 2020, №55, тасдиқ шуда, воқеан, дастури кор ва барномаи амал ба ҳисоб меравад, зеро ин санади муҳим нуктаҳои асосии нишондоду тавсияҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки зимни Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 17 апрели соли 2020 баён карда буданд, дар бар мегирад.

Дар давраи фаъолият аъзои Маҷлиси миллӣ, кумитаҳо, комиссия ва Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ таваҷҷуҳи асосӣ ва имконияти мақоми олии қонунгузорро ба рушди низоми мазкур, боз ҳам беҳтар намудани сифати қонунҳо ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии давлату ҷомеа равона намуда, ба ин кор тамоми неруи зеҳнӣ ва донишу таҷрибаи худро сафарбар карданд. Аъзои Маҷлиси миллӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро самаранок ба роҳ монда, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баҳри таҳия ва қабули қонунҳое, ки ба пешрафту таҳкими пояҳои ҳуқуқии ҷомеаи ҳуқуқбунёд, расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ, таъмини волоияти қонун ва танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, талош варзиданд.




Дар ин радиф, мавриди зикри хос аст, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби муҳтарам Рустами Эмомалӣ пешниҳод гардид, дар таърихи қонунгузории миллӣ таҷрибаи нав ба ҳисоб меравад. Дар як муддати кӯтоҳ ҷомеа, бахусус қишри ҷавони мамлакат, пуштибонии худро аз қонуни мазкур изҳор намуда, баҳри татбиқи амалии он мақомоти масъули давлатӣ тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ намуданд.

Гузашта аз ин, мазмун ва мундариҷаи қонуни зикршуда, ки заминаҳои ҳуқуқии мафҳуми тарбияи ватандӯстӣ, инчунин, тақвият додани масъулияти ҳар як шаҳрванд, бахусус, ҷавонон дар назди Ватан муайян менамояд, аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва коршиносони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба яке аз мавзуъҳои мубрами дифои рисолаҳои илмӣ табдил ёфтааст.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои 2020-2024 тавассути раёсати оқилонаи муҳтарам Рустами Эмомалӣ робитаҳои байнипарламентии Маҷлиси миллӣ бесобиқа рушду тавсеа ёфтанд. Нахустин сафарҳои расмии муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба монанди Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон, инчунин, ба кишварҳои дӯсту ҳамҷавори Туркманистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки дар сатҳи баланди ташрифотию тадорукотӣ сурат гирифтанд, на танҳо ба баланд гардидани нуфузу мавқеи кишвар ва парламенти мо дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуданд, балки ҷиҳати тавсеа ва густариши муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарии байни кишварҳоямон таконе ҷиддӣ бахшиданд.

Силсилаи сафарҳои кории муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба кишварҳои минтақа, иштироки ҳайати парламентии Тоҷикистон ва суханрониҳояшон зимни ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ ифодагари намояндагӣ ва муаррифии шоистаи ҷумҳурӣ ва манфиатҳои миллӣ дар баррасии масъалаҳои рӯзномаи байналмилалӣ баланд арзёбӣ гардида, дар тақвияти минбаъдаи мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушду тавсеаи муколамаи парламентӣ, таҳкими ҳамкориҳо баҳри суботу амнияти минтақа ва густариши равобити судманд бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ нақши арзишманд дорад.

Бо изҳори ирода ва саъю талоши муштараки ҷонибҳо дар ин давра сатҳи робитаҳои байнипарламентии Маҷлиси миллӣ бо палатаҳои болоии парламентҳои Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон, мақомоти қонунгузор ва намояндагии Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Эрон то ба сатҳи комиссияҳои доимӣ баланд бардошта шуда, боз ҳам тақвият ёфтанд.

Баргузории конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ба муносибати Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Конфронси байналмилалии парламентӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаббусҳои наҷибу назарраси парламенти Тоҷикистони соҳибистиқлол дар давраи фаъолияти он ба ҳисоб рафта, барои арҷгузорию тарғиби дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, муколамаи ҳуқуқӣ ва муаррифии шоёни нақши парламентаризми миллӣ дар рушди қонунгузории миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Бо ифтихори хоса зикр менамоем, ки бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз дар давраи фаъолияти даъвати шашум Маҷлиси Олӣ - парламенти кишвари соҳибистиқлоламон соҳиби бинои наву замонавӣ гардид, ки аз лиҳози меъморӣ камназир аст.



Изҳори умед дорем, ки ин муваффақиятҳои муҳиму арзишманд, ки таҳти роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар натиҷаи меҳнати аҳлона ва дастҷамъонаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ба даст омадааст, барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ ва таъмини пешрафту шукуфоии минбаъдаи кишвари азизамон - Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Дар панҷ соли сипаригардида 10 ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон доир шуда, дар онҳо 132 қарори якҷоя қабул гардид. Дар ин давра 24 ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллӣ ва 20 Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ баргузор гардида, дар ҷараёни иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ, дар маҷмуъ, 20 қонуни конститутсионӣ, 4 кодекс ва 415 қонуне, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул ва ба Маҷлиси миллӣ манзур карда шуданд, ҷонибдорӣ гардиданд. Аз онҳо 51 санади қонунӣ дар шакли мукаммал мебошад.

Дар ин давра аъзои Маҷлиси миллӣ 52 пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар хусуси интихоб ва бозхонд намудани судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, интихоби машваратчиёни халқии Суди Олӣ, бекор кардани дахлнопазирии судяи Суди Олии иқтисодӣ ва 21 пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои сохти маъмуриву ҳудудӣ баррасӣ карда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул намуданд ва зимни баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаҳои шуро ва иҷлосияҳо, пас аз таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи вазъи воқеӣ аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо назардошти тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди ҳаёти ҷомеа, ба кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ва мақомоти давлатӣ, дар маҷмуъ, 45 супориши протоколӣ манзур гардид.



Аъзои Маҷлиси миллӣ санадҳо ва супоришу дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ, аз ҷумла муқаррароти нақшаи амалро сармашқи кори худ қарор дода, барои иҷрои самарабахши онҳо чораҳои дахлдор андешиданд. Аз ибтидои фаъолият, шурӯъ аз соли 2020, бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории аъзои Маҷлиси миллӣ лоиҳаи қонунҳои конститутсионӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул гардида, дар ин давра ҷиҳати таъмини риояи қатъии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва пурзӯр кардани ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани талаботи қонуни зикршуда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва ҷонибдорӣ карда шуд.

Инчунин, бо мақсади такмили фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва мақомоти он, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо Дастури Маҷлиси миллӣ ва Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ дар таҳрири нав, Низомномаи «Ифтихорнома»-и Маҷлиси миллӣ, Консепсияи рушди муносибатҳои байнипарламентии Маҷлиси миллӣ қабул гардида, дар назди Маҷлиси миллӣ Шурои илмию машваратӣ таъсис дода шуд.

Дар ин давра бо мақсади таҳкими фаъолияти Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ҳамчун мақоми кории Маҷлиси миллӣ қоидаҳои пешбурди сомонаи расмии Маҷлиси миллӣ, тартиби тайёр кардан ва навкунии маводи иттилоотӣ» ва Низомнома дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ тасдиқ карда шуда, барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани коргузорию ҳуҷҷатнигорӣ ба Дастурамали коргузорӣ дар Маҷлиси миллӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Бо ҳамин роҳбарии оқилона ва дуруст ба роҳ мондани фаъолият аъзои Маҷлиси миллӣ даъвати шашум фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро самаранок ба роҳ монда, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баҳри таҳия ва қабули қонунҳое, ки ба пешрафту таҳкими пояҳои ҳуқуқии ҷомеа, расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ, таъмини волоияти қонун ва танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, талош варзиданд ва дар ҳамкорӣ бо вакилони Маҷлиси намояндагон, дар маҷмуъ, 12 қонуни конститутсионӣ ва 99 қонун таҳия ва пешниҳод шуданд, ки аксари онҳо қабул гардиданд.

Бо баёни ҳисоботи мухтасар аз фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар панҷ соли сипаригардида метавон хулоса намуд, ки дар ин давра аъзои Маҷлиси миллӣ дастуру раҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки дар Иҷлосияи нахустини Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 17 апрели соли 2020 баён намуданд ва таъкид доштанд, ки «бовар дорам, ки Шумо, аъзои Маҷлиси миллӣ, салоҳияту ваколат, донишу маҳорат ва неруи худро дар роҳи амалӣ намудани ҳадафҳои олии милливу давлатӣ равона месозед, дар таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоламон, пешрафту ободии Ватани азизамон ва ба сатҳи шоиста расонидани зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон ҳиссаи арзанда мегузоред», содиқона иҷро намуданд ва саҳми арзандаи худро дар рушди қонунгузории кишвар гузоштанд.

Ҳамин тавр, дар ин давра роҳбарияти Маҷлиси миллӣ, махсусан Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, дар ин мақоми олии намояндагӣ ва қонунбарор масъулияти даҳчанд нишон доданд ва бо қобилияти баланди кордониву ташкилотчигӣ, донишу малакаи волои роҳбарӣ бо ҷонибдории қонунҳо тавонистанд низоми муваффақи қонунгузориро ба роҳ монанд ва дар рушди муваффақонаи кишвар саҳми арзанда гузоранд.

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
**раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ,**
**академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# ТАСДИҚИ АҲДНОМАИ ҲАМПАЙМОНИИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

**5. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмаҳмадзода С.»**

**6. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ баровардани Холмаҳмадзода С.».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон сухан ба муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматулло Насреддин дода мешавад. Марҳамат.

**Исматулло НАСРЕДДИН:**



**- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» пешниҳод мегардад.

Боиси қайд аст, ки роҳандозии муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар фазои мутақобилан судманд ҷараён гирифта, ҷавобгӯи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад. Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бисёр масъалаҳои муҳими байналмилалию минтақавӣ мавқеи яксон дошта, ҷонибдори ҳамгироии бештару фарогир мебошанд.

Бояд ёдовар шуд, ки аҳдномаи мазкур зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 апрели соли 2024 ба имзо расида, муқарраротн он робитаҳои ҳар ду кишвари дӯстро ба сатҳи сифатан нав мебарорад.

Аҳдномаи мазкур аз 26 модда иборат буда, муқарраротн моддаҳои он ба тақвияти ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, технологӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ, ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ, савдои ғайриқонунии силоҳ, ҷиноятkории киберӣ ва чолишу таҳдидҳои дигар ба амнияти байналмилалию минтақавӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба ҳамкории густурдаро ба роҳ мемонанд.

Қисми хотимавии аҳдномаи мазкур масъалаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо, тартиби эътибор пайдо намудан ва қатъ гардидани аҳдномаро ба танзим медарорад.

Тасдиқ намудани аҳдномаи мазкур аз нигоҳи сиёсати хориҷӣ мувофиқ ба мақсад буда, ба Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар, аз ҷумла бо назардошти шарикии стратегӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ба афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Инчунин, муҳтавои санади пешниҳодшуда бар зидди давлатҳои минтақа равона нашудааст ва ба робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ таъсири манфӣ нахоҳад расонд. Бо назардошти ин, аз шумо - муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳтиром хоҳиш карда мешавад, ки тасдиқи Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Муҳаммадулло Шерализода дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммадулло ШЕРАЛИЗОДА:**

**- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 18 апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст ва аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Он бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2025, таҳти № 2575 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидааст.

Аҳдномаи мазкур ба хотири рушди муносибатҳои ҳампаймонӣ дар заминаи ҳамкориҳои гуногунҷанба, принсипҳои дахлнопазирӣ ба масъалаҳои дохилии якдигар, ҳамкориҳои зичи гурӯҳҳои дӯстии парлумонҳои ҳар ду давлат, содагардонии ҳамлу нақли байналмилалӣ, истифодабарии самараноки захираҳои обӣ, таъмини амнияти экологии минтақаи



Осиёи Марказӣ, ҳамкории зич дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, таъмини бехатарии муҳоҷирати шаҳрвандони ҳар ду кишвар ва ҳуқуқу озодиҳои онҳо, тақвият бахшидан ба ҳамкориҳо дар самти мудофиа ва таъмини сулҳу субот дар ҳудуди Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, истифодаи дипломатияи мардумӣ барои сайқал додани ҳамкориҳои фарҳангӣ, варзишӣ, сиёсати ҷавонон, тандурустӣ, ҳамзамон, баланд бардоштани ҳисси дӯстиву бародарии шаҳрвандони ҳар ду кишвар, фароҳам овардани шароити муносиб барои тоҷиконе, ки дар қаламрави Ӯзбекистон ва ӯзбеконе, ки дар қаламрави Тоҷикистон истиқомат мекунанд, ҷиҳати нигоҳ доштан ва рушди забони модарӣ, аз ҷумла дар самти гирифтани таҳсилоти миёна, олӣ ва касбӣ бо забони модарӣ, таҳия гардида, барои ба анҷом расондани расмиёти дохилидавлатии дахлдор ва эътибори қонунӣ пайдо намудани он пешниҳод шудааст.

Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории кишвар ба миён намеоварад. Аҳдномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро пурра ҷонибдорӣ намуданд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки ҷиҳати дастгирии аҳдномаи мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини директори Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Ҷамолзода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон ҶАМОЛЗОДА:**

**- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» соли 2006 қабул шуда, фаъолияти Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси он амалӣ гашта истодааст. Аз қабули қонуни амалкунанда 19 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, ба он танҳо ду маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Вазъияти кунунии қонуни амалкунанда, ки норасоиҳо дар он ҷой дорад, пурра соҳаи захираи давлатиро танзим наменамояд.



Ба ҳамагон маълум аст, ки дар натиҷаи сипарӣ гаштани солҳо ҷомеа рушд намуда, муносибатҳои нав дар ин ё он соҳа ба вуҷуд меоянд ва бояд ин муносибатҳо дар ин ё он санад танзим ёбанд. Аз ин лиҳоз, дар соҳаи захираи давлатӣ ҳам муносибатҳои нав ба вуҷуд омадаанд. Бинобар ин, дар баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» қарор дорад, ки барои таҳия намудани он ду мақсади асосӣ ба назар гирифта шудааст:

- бартараф намудани норасоиҳои дар қонун ҷойдошта;

- истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ.

Лоиҳаи қонун аз 7 боб ва 26 модда иборат буда, 11 моддаи нав, яъне моддаҳои 4, 7, 11, 12, 13, 15, 18, 19, 20, 21 ва 25 илова шуд.

Муқаддимаи лоиҳа пурра нав карда шудааст, зеро муқаддимаи қонуни амалкунанда фарогири мавзӯъ ва моҳияти он набуд.

Дар моддаи 1 лоиҳаи қонун 16 мафҳум пешбинӣ шуда, дар қонуни амалкунанда бошад, 13 мафҳум пешбинӣ гардида, 3 мафҳуми он ҳангоми таҳия хориҷ карда шуда (мафҳумҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, ивазкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ, пур кардани захираи давлатӣ бо сарватҳои моддӣ), 10 мафҳуми боқимондаи қонуни амалкунанда дар лоиҳаи қонун дар шакли нав ва фарогир мушаххас гардида, 6 мафҳуми нав бандҳои 6), 11), 13), 14), 15) ва 16) илова карда шуд. Бинобар ин, қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ҳамқадам будан бо давлатҳои дигар мусоидат менамояд. Бояд тазаккур дод, ки захираи давлатӣ дар ҳоли ҳозир яке аз соҳаи хеле муҳим барои ҳар як давлат ба шумор рафта, фаъолияти муътадили он бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мустаҳкам ва фарогир вобаста аст, зеро вазъи пурпечутоби имрӯзаи ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки муносибатҳои ҷиддиро дар соҳаи захираи давлатӣ ба роҳ монем ва заминаи ин муносибатҳо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав мебошад. Бо назардошти нуктаҳои зикршуда, аз шумо - муҳтарам вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо назардошти талаботи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо мақсади бартараф намудани норасоиҳои меъёрии танзимкунандаи муносибатҳои соҳа таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Он аз муқаддима, 7 боб ва 26 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолият дар соҳаи захираи моддии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд. Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонун дар кумита бо тартиби муқаррargардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ шуда, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 335 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад? Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Чиллазода Қарахон» шурӯъ мекунем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Чиллазода Қарахон»-ро қироат кард.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Чиллазода Қарахон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон»-ро қироат кард.



*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**Тибқи талаботи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд кард.**

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмаҳмадзода С.» шурӯъ мекунем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмаҳмадзода С.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ баровардани Холмаҳмадзода С.» оғоз менамоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ баровардани Холмаҳмадзода С.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир**
**Неъматулло АЛИЕВ**


**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426916 | Муассисаҳои кумаки авалияи тиббию санитарии ноҳияи Ҷайҳун | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, оташхомӯшкунак, таҷҳизоти идоравӣ ва картриҷ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 18.02.2025 08:55:10 |
| 2 | 426917 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 18.02.2025 08:55:35 |
| 3 | 426918 | Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Ҷайҳун | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ ва дарахт | Озмуни кушод | Мол | 10 | 18.02.2025 09:05:30 |
| 4 | 426915 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи оташнишонӣ-техникӣ»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара | Мебел, таҷҳизоти ошхона ва таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 18.02.2025 09:37:03 |
| 5 | 426914 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоот»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Гул, нуриҳои минералӣ ва органикӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 18.02.2025 10:00:00 |
| 6 | 426919 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти бутуни мурғ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 18.02.2025 10:10:00 |
| 7 | 426920 | Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии махсус барои ношунавоёни шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 34 | 18.02.2025 10:15:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл» ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 25-уми феврали соли 2025 музоядаи № 50-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои маъмурӣ ва бошишгоҳи техникӣ | шаҳри Роғун, майдони сохтмонии №3 | 0 | 0 | 421 922 |
| 2 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Норак | шаҳри Норак, кӯчаи Ленин 11 | 0,02 | 203 | 1 632 343 |
| 3 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар деҳаи Варзоб | ноҳияи Варзоб, деҳаи Варзоб, кӯчаи Ленин 5 | 0,02 | 246,6 | 2 082 377 |
| 4 | Заводи пахтақабулкунӣ ва коркард | ноҳияи Хуросон, деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Пахтаобод | 14,2 | 1618,0 | 1 029 533 |
| 5 | Молу мулки ғайриманқул иборат аз биноҳо ва иншоот | ноҳияи Ҷ. Балхӣ, деҳоти Маданият, деҳаи Роҳи оҳан, ҶДММ «Агро Фуд Голд» | 2,47 | 3369,2 | 1 249 740 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73- 74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49- 87, 221- 73- 74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA- KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон мекунад:

1. Сардори раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нафту газ
2. Мутахассиси пешбари раёсати муносибатҳои байналмилалӣ
3. Мутахассиси пешбари раёсати иқтисод ва дурнамо
4. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ
5. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ
6. Мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорат
7. Мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорат
8. Мутахассиси пешбари бахши котибот
9. Мутахассиси раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника
10. Мутахассиси раёсати электроэнергетика
11. Мутахассиси раёсати захираҳои об
12. Мутахассиси раёсати муносибатҳои байналмилалӣ
13. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ.

**Ҷамъ: 13 воҳид.**

Шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок карданро доранд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат (кӯчаи Шамсӣ - 5/1) пешниҳод намоянд:

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (суратҳои рангаи 3х4 ва 4х6 - 4 дона);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс собиқаи меҳнатӣ надошта бошад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома оиди доғи судӣ надоштан;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

**Эзоҳ:** талабот барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ:

- сардори раёсат - 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- сармутахассис - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мутахассиси пешбар - 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забони русӣ ҳатмӣ ва донистани дигар забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Музди меҳнати заминавӣ:**

- сардори раёсат – 4629 сомонӣ, сармутахассис – 2320 сомонӣ, мутахассиси пешбар – 1890 сомонӣ, мутахассис – 1554 сомонӣ муайян гардидааст.

Довталабон метавонанд маълумоти иловагиро аз сомонаи **mewr.tj** ва бо рақами телефони **235-97-68** гиранд.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 25 феврали соли 2025 музоядаи № 12-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк» ва ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Қитъаи замин (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Айнӣ, ҷамоати деҳоти Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ №21 | 1708,0 | --- | 3528370 |
| 2 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи М.Мусоев, хонаи №11 | 863,0 | --- | 604115 |
| 3 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи №13 | 46,4 | --- | 235924 |
| 4 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, ҷамоати деҳоти Қалъачаи калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | --- | 232755 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи №13 | 49,45 | --- | 186430 |
| 6 | Экскаватор | Тамғаи WOLVO, рақами давлатӣ - 226 TA 01 TJ, шаҳри Истаравшан | --- | --- | 450 000 |
| 7 | Бинои маъмурии ҶДММ «Зарбед» | шаҳри Конибодом, кӯчаи К.Хуҷандӣ 16 | 251,1 | --- | 798022,75 |
| 8 | Мағоза | ноҳия Вахш, ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлолият, кӯчаи Пахтакор | 135,0 | 200,0 | 127926 |
| 9 | Бинои филиали Бонки ҶСП «Тоҷпромбонк» | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, ҷамоати деҳоти Иван Тоҷик, деҳаи Оббурдон | 126,06 | 267,0 | 500000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2- юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49- 87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA- KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Комиссияи тендерии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ташкилоти харидор) дар асоси фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2025, №50 «Дар бораи татбиқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ барои соли 2025» довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмун ҷиҳати гирифтани фармоиши иҷтимоии давлатӣ (Даъватномаи (ДИО) №01/25 аз 24 январи соли 2025), ки тариқи озмуни кушода гузаронида мешавад, даъват менамояд.**

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ оид ба озмун метавонанд ба суроғаи ташкилоти харидор, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 69 (ошёнаи 7-уми бинои нави вазорат) ва ё бо телефонҳои (501-10-05-11, 93-939-39-01) муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои дархостшударо дар 2 лифофаҳои муҳршуда (аслӣ ва нусха) ба суроғаи дар боло зикршуда то 15 феврали соли 2025 пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда, муҳлатест, ки баъди анҷоми он пешниҳодҳо аз довталабон қабул карда намешаванд.

Озмун 17 феврали соли 2025 дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 69, ошёнаи 7-уми бинои нави вазорат баргузор мегардад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодҳои тендерӣ аз ҷониби комиссияи тендерӣ 17 феврали 2025, соати 9⁰⁰ кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқи дар раванди озмун иштирок карданро доранд.

**Рӯйхати ҳуҷҷатҳои ҳатмие, ки бояд бо дархости тендерӣ барои арзёбии мутобиқати иштирокчӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур пешниҳод гарданд:**

- шаклҳо барои дархости тендерӣ;
- нусхаи оинномаи ташкилоти ҷамъиятии довталаб ва низомномаи маркази хизматрасонӣ;
- нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;
- нусхаи ҳуҷҷати бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ;
- нусхаи тавозуни муҳосиботии тасдиқшудаи довталаб барои соли гузашта;
- маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани қарздорӣ аз рӯи пардохтҳо, ки мақомоти маҳаллии андоз ва суғуртаи иҷтимоии давлатӣ додаанд;
- маълумотномаҳои мутахассисоне, ки ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳо ба кор ҷалб карда мешаванд.

# АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУНИ КУШОД эълон менамояд:

**Номгӯи мансаб:**

**1. Бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсус:**

- мудир - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ё кадршинос, ҳуқуқшинос, омӯзгор, психолог, сотсиолог ё дигар соҳаҳои гуманитарӣ, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ – 2434, 85 сомонӣ.

**2. Бахши ҳуқуқ, такмил ва мониторинги хариди давлатӣ:**

- мудир – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё чор сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2434, 85 сомонӣ;
- сармутахассис – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ё иқтисодӣ, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳмондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намуданд, забонҳои хориҷиро медонанд ва унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

**Довталабон ба комиссияи озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона расми андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038У);
- нусхаи гувоҳнома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии **info@zakupki.gov.tj** ё бо **суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22** пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефони **227-66-21** ё сомонаи **www.zakupki.gov.tj** дастрас намоянд.

Мӯҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати 17.00) муқаррар мешавад.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерӣ аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи як лот, ки аз тарафи шарики рушд - Маркази хайриявии Шоҳ Салмони Арабистони Саудӣ дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Аз рӯи лоиҳаи «Рамазон» (KSHA & RC):**

**Лоти 1: Ҳамлу нақли (боркашонии) маводи озуқаворӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.**

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин, мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон (дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ) лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот, таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём, 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охири пешниҳоди ҳуҷҷатҳо*: то 17 феврали соли 2025, соати 09⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*


# АЗ ФАРБЕҲӢ АЗИЯТ МЕКАШЕД?

**Чӣ гуна аз вазни зиёдатӣ халос шуданро намедонед?**

**ПАС, ШИТОБЕД!**

Бо нархи арзон метавонед аз дорухонаҳо дастрас намоед.

Фитомаҷмуи **«Камак-камак»** фарбеҳиро рафъ ва иштиҳоро кам намуда, шикамро ба андозаи пештарааш бармегардонад.




**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**

***Истеҳсолкунанда* Россия.**


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шартномаи гумшуда дар барои ҳамкорӣ ва саҳмгузорӣ дар сохтмони бинои истиқоматӣ таҳти рақами 85 байни Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Манзилсозҳои аъло» (директораш - Муродов Раҳимҷон Амонҷонович) ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Халифаев Умар Сайдаҳмадович, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Саъдӣ Шерозӣ 24, блоки В, ошёнаи 13-ум бо масоҳати 170м², эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2019 ба Бобоҷонов Никита Викторович (соли таваллудаш 22 апрели соли 2003) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Ҳисор бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, ҷамоати шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Попова 12, (ҳоло Ҷаббор Расулов ), хонаи 23, ба Маҷидов Сайфулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 5-158, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 22 январи соли 2024 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак, хонаи 14, блоки 1, ба Боронова Мадина Асомиддиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда бо силсилаи А№103679, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1988 ба Қурбонов Махкамҷон Муродалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатӣ ва иқтибос (РЯМ 3110001245), ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон бо суроғаи ҷамоати деҳоти Қизил-қалъа, деҳаи Сарбанд ба ҶДММ «Зуҳал-2013» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии дороиҳои манзили истиқоматӣ бо силсилаи №0076257, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии дороиҳо дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 27 ноябри соли 2024 таҳти №2655 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Маърифат, ба Иброҳимова Гульчеҳра Алиевна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи як хонаи истиқоматии 4 (чор) - ошёнаи бисёрквартирадор, бо ҷойгир намудани маркази савдо ва хизматрасонии маишӣ, ошёнаи якум квартираи №1 бо масоҳати 246,1 метри мураббаъ, ошёнаи дуюм квартираи №2 бо масоҳати 218,5 метри мураббаъ, ошёнаи сеюм квартираи №3 бо масоҳати 218,5 метри мураббаъ, ошёнаи чорум квартираи №4 бо масоҳати 218,5 метри мураббаъ ва болохона бо масоҳати 218,5 метри мураббаъро ташкил медиҳад, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, шаҳраки 112, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, хонаи 10/6, ба Рафиев Муҳаммади Ҳокимович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи техникӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Мадад, ба Ашуров Қурбон додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО № 0151879, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ 12 июни соли 2013 бо қайди 770 ба Сафолов Рафсанҷон Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «ГАНҶ МАЙНИНГ ИНВЕСТМЕНТ» (РМА 020042885, РЯМ 0210019636), ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 23 декабри соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Саҳар» (РМА 120043415, РЯМ 1210012962), ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 13 декабри соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ташкилоти ҷамъиятии «Иристон» (РМА 040021381), ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Навде» (РМА 410003723, РЯМ 4110001739), ки онро Нозироти андози шаҳри Норак 10 марти соли 2016 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 29 январи соли 2025, соати 16:35 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33945 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97